## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Диссертатсияи Ғаниева Малика Абдуқодировна "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ" унвон дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш пешниҳод шудааст ва яке аз рисолаҳои арзишманд дар риштаи таҳқиқи санъати тасвирӣ аз нигоҳи санъатшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Дар муқаддимаи автореферати дессертатсия зарурати таҳқиқи мавзӯъ дараҷаи омӯзиши он, маводу ҳадафи таҳқиқ ва ғайра асоснок карда шудааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки равандҳои муосири иҷтимоӣ ва тағйирбахше, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, нисбати омодагии хатмкунандагони таҳсилоти олии касбӣ талаботҳои баландро мегузоранд.

Тавре аз мазмуни автореферат бармеоянд, ба сифати асоснок будани масъалаи инкишофи ҳаматарафа ва мақсадноки салоҳиятнокиҳои рассомӣ ва педагогӣ дар факултетҳои санъати тасвирӣ таҳлили тарзҳои муосири назариявӣ нисбати омодакунии касбии мутахассисони соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ ва иқтидори илмии аз таҷрибаи бадеӣ-педагогӣ ҷамъоваришуда дар мисоли машғулиятҳои пленэр баррасишуда хизмат менамоянд.

Диссертант дар муқаддима қайд менамояд, ки хатмкунандаи факултети санъати тасвирӣ ва технология, ки дар ӯ қобилияти педагогӣ ва тасвиркунӣ чандон ташаккул наёфтааст, барои додани дониши фаннӣ, кор бо коллектив, ташкил намудани фаъолияти таълимӣ, ҷалб кардани диққати хонандагон ва ғайра қобил нест, ки ин дар маҷмӯъ ба сатҳу сифати омодагии хонандагон ва

омӯзгорони оянда санъати тасвирӣ таъсири манфӣ мерасонад. Инчунин Ғаниева М.А таъкид месозад, ки низоми муосири таҳсилоти олӣ асосан дониши заминавӣ медиҳад ва малакаҳои истифодаи онҳоро дар рафти таълим меомӯзонад ва чӣ тавр истифода кардани дониши мазкур дар фаъолияти касбӣ танҳо дар машғулиятҳо оид ба методикаи санъати тасвирӣ ва дар таҷрибаомӯзии педагогӣ ва он ҳам дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ баррасӣ карда мешавад.

Ин ҳолат сабаби истифода шудани усули касбӣ-самтнок ҳангоми омодакунии донишҷӯёни факултети санъати тасвирӣ ва технология, ташаккул додани салоҳиятнокии касбии онҳо дар рафти таълим мегардад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур ин масъалаи ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултети санъати тасвирӣ ва технология дар таълими Муассисаҳои олии таҳсилот, ки ҳалнашуда маҳсуб мешавад ва таҳқиқоти махсусро тақозо намуда, маҳз ҳамин аҳамияти диссертатсияи мазкурро инъикос намудааст ва сабаби интихоб шудани мавзӯи мазкур - «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ»-ро шарҳ додааст.

Диссертант дар таҳқиқоти худ ба якчанд ҳадафҳои гузошташуда муваффақ гардидааст, ки аз ҷумла инҳоянд:

1. Муайян кардани шароитҳои педагогие, ки ба ташаккули салоҳиятнокии педагогӣ ва тасвиркашӣ мусоидат мекунанд;

2. Таҳия намудани усулҳое, ки наздик кардани вазифаҳои таълимии донишҷӯёни факултети СТ ва Т ба вазифаҳои касбии омӯзгори санъати тасвириро мусоидат мекунанд;

3. Таҳия намудани низоми талаботҳои баҳогузорӣ ва сатҳҳои ташаккули салоҳиятнокиҳоипедагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултети СТ ва Т бо назардошти донишу малакаҳое, ки ба донишҷӯ дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва бадеӣ-педагогӣ заруранд;

4. Таҳияи модели методии ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултети СТ ва Т дар асоси усулҳои контекстӣ (матнӣ) ва амалӣ дар таълим.

Диссертатсияи Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» ба талаботи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ, ки Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси13.00.02 –Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Номзади илмҳои техникӣ, и.в., дотсенти кафедраи
дизайн ва меъморӣ, Донишкадаи политехникии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд

Умарова Зӯҳрохон Мирзотурobовна

Маълумот барои тамос:
ш.Худжанд, к. Ҳаким Карим 52
Мобил: (+992)928030063
E-mail: zukhrokhonumarova@mail.ru

Имзои Умарова З.М.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири ШК-и Донишкадаи политехникии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Ёқубова М.
«______»____________________2020 с.

ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.С.ОСИМӢ ДАР Ш.ХУҶАНД
ШӮЪБАИ КАДРҲО